«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филология Шарифзода Б.Б.
_____
«22» _____ соли 2022

ХУЛОСАИ

ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович таҳти унвони «**Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расида, дар ҷаласаи васеи ҳамин шуъба ба ҳимоя тавсия шудааст (қарори №2, 02.03.2021).

Роҳбари илмӣ – Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсия муайян карда шуд, ки муҳиммияти мавзуъ, пеш аз ҳама, дар адами пажӯҳиши мушаххас ва чудогона, ки ба таҳқиқи таъсирпазирии Абдуррахмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз бахшида шуда бошад, зоҳир мегардад.

Ҳадафи асосии диссертатсия муайян намудани таъсирпазирии Абдуррахмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф диссертант саъй намудааст, ки дар асоси таҳлилу баррасии сарчашмаҳои муътамади илмию адабӣ ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Форизро муайян намуда, инчунин таъсири мутақобилаи адабиёти арабро ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ нишон додааст.

Аҳаммияти амалӣ ва назарии таҳқиқот дар он аст, ки маводи он метавонад ҷиҳати нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва арабӣ,

таърихи робитаҳои адабии миёни ду халқу фарҳанг, муайян сохтани таъсири адабиёти араб дар рушду такомули мавзуву сабки адабиёти форсии тоҷикии асри XV, дар мисоли эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва муаррифии мақоми Ҷомӣ дар адабиёти араб дар факултетҳои филологияи тоҷик ва шарқ мусоидат намуда, барои омӯхтани аҳвол ва осори орифи маъруфи араб Ибн ал-Фориз дар факултетҳои филологияи Шарқ, мураттаб сохтани воситаҳои таълимӣ дар курсҳои адабиёти муқоисавӣ, омода намудани таҳқиқи монографии ҳаёт ва осори Ибн ал-Фориз, инчунин таълими машғулиятҳо, лексияҳо аз курсҳои махсуси адабиёти форсии тоҷикӣ, арабӣ ва адабиёти муқоисавӣ барои донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат карда метавонад. Натиҷаҳои бадастомада барои таҳлилу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносиву шарқшиносӣ, махсусан омӯзиши таъсири мутақобилаи фарҳангу забон ва адабиёти арабу форсу тоҷик, таъсири шуарои алоҳидаи араб бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шахсияти Ибн ал-Фориз, сабку хусусиёти бадеии ашъор ва таъсири ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, мазомини муштараки ашъори Ибн ал-Фориз ва Ҷомӣ, маъруфияти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти араб мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи ашъори Ибн ал-Фориз ва таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб мепардозанд, маводи фаровони назарӣ дода метавонад.

Навгониҳои илмии таҳқиқ. Дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳҳои Ҷомӣ бар қасоиди Ибн ал-Фориз, мавзуъҳои муштараки ашъори орифон, зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Фориз, таъсири мутақобилаи адабиёти араб ба эҷодиёти Ҷомӣ ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Нуктаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод шудааст:

– Ибн ал-Фориз яке аз орифони машҳури араб буда, дар рушду инкишофи ашъори сӯфиёна саҳми бориз дорад ва инчунин донишмандони сӯфимашраби форсу тоҷик аз ӯ мутаассир гардидаанд;

– Забону адабиёт ва фарҳанги араб ба осори асримёнагии шуарову нависандагони форсу тоҷик таъсири бузург расонида, таълифоти Мавлоно Ҷомӣ низ аз ин раванд берун нест ва осори ӯ бад-ин васила обу ранги тозае ба худ гирифтааст;

– Зикри Абдурраҳмони Ҷомӣ дар манобеи арабӣ таъсири ӯро ба адабиёти араб возеҳтар нишон медиҳад;

– Осори хаттии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар кишварҳои араб омӯхта шуда, асарҳои ҷовидонаи форсӣ-тоҷикиаш пайваста ба забони арабӣ тарҷума мегарданд;

– Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари таъсирпазирӣ аз адабиёти араб, ҳамчунин бо офаридани асарҳои арзишманд ба адабиёти араб ворид гардидааст;

– Абдурраҳмони Ҷомӣ беш аз ҳама аз орифи номвари араб Ибн ал-Фориз таъсир пазируфта, дар заминаи ашъори ӯ асарҳои бузург эҷод кардааст;

– Қасидаҳои «Тоия» ва «Хамрия»-и Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ таъсири хосса гузоштаанд;

– Масъалаҳои ишқу муҳаббати илоҳӣ, қурбу висоли маъшуқа, азияту озор ва ҳиҷрон, сабру шикебоӣ бар сахтиҳо, васфи бодаву шароби ишқ ва амсоли инҳо ҳамчун мавзуоти муштарак дар эҷодиёти орифон ба шумор меравад.

Саҳми шахсии муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ашъори Ибн ал-Фориз ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба ҳаёт ва фаъолияти Ибн ал-Фориз фароҳам оварда шудааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва 11 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант панҷтои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

1. Холов, Аълохуҷа. Таъсири шоири араб Фараздақ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2016, № 4/7 (217). С. 231-238.

2. Холов, Аълохуҷа. Таъсири баъзе масъалаҳои забон ва адабиёти араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2017, № 4/1. –С. 169-175.

3. Холов, Аълохуҷа. Саидуддин ал-Фарғонӣ – аввалин шореҳи қасидаи «Тоияи кубро»-и Ибн ал-Фориз / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2018, № 4/5. –С. 203-212.

4. Холов, Аълохуҷа. Таҳлили қиёсии қасидаи “Тоия”-и Ибн ал-Фориз ва тарҷумаи “Тоия”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ), 2021, № 2. –С. 132-144.

5. Холов, Аълохуҷа. Таъсири ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ), 2022, № 1. –С. 136-145.

Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар

6. Холов, Аълохуҷа. Мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти арабӣ / А. Холов // Паёми Донишкада / Махзани илм, 2019, № 1/2. Маводи Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм», 30 апрели соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. –С. 540-545.

7. Холов, Аълохуҷа. Тарҷумаи арабии маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // «Межлитературные связи и взаимопроникновение культур» (Материалы Международной научно-практической конференции, часть-2. Гуманитарный предметы), 2019 года. Термезский государственный университет, 2019. –Стр. 146-148

8. Холов, Аълохуҷа. Андешаҳои муштараки Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишкада / Махзани илм (Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии ...“Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гумнитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир”, 6-10 июли соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент), 2019, № 2. –С. 465-469.

9. Холов, Аълохуҷа. Зикри Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар қомусу донишномаҳои арабӣ / А. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба “Рӯзи илми тоҷик”. –Душанбе, 2020. –С. 96-99.

10. Холов, Аълохуҷа. Нусхаҳои хаттии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар кишварҳои шарқи Араб / А. Холов // Анвори дониш. Маҷмӯаи илмӣ (№2). –Душанбе, 2021. –С. 237-244.

11. Холов, Аълохуҷа. Майи ирфонӣ аз нигоҳи Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир». –Душанбе, 2021. –С. 205-211.

Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ. Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 18 нафар аъзои Шурои олимон

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони Институт аз 22.04.2022, қарори №4 қабул гардид.

Раиси Шуро,
номзади илми филология Шарифзода Боймурод Бобопур
тел: (+922) 93-797-10-22
почтаи эл: boymurod@inbox.ru

Муқарризон:
Ходими калони илмии шуъбаи
таърихи адабиёти Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,
доктори илми филология Юсуфов Умриддин Абдукофиевич
тел: (+922) 91-904-55-75
почтаи эл: nushin74@mail.ru

Мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ,
номзади илми филология Зиёев Субҳиддин Насриевич
тел: (+922) 92-704-09-08
почтаи эл: rakesh-23@mail.ru

Котиби илмӣ Муҳамадхоҷаева Рахшанда Аҳмадҷоновна
тел: (+922) 98-521-00-06
почтаи эл: sun_1989@list.ru

Имзои Шарифзода Б.Б., Муҳамадхочаева Р.А. ва
Юсуфов У.А.-ро «Тасдиқ мекунам»
нозири кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Имзои Зиёев С.-ро «Тасдиқ мекунам»
нозири кадри Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ Зуҳуров А.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07,
221-70-30, E-mail: iza_rudaki17@mail.ru, http://www.iza.tj